# Ҳисобот
## аз натиҷаи фаъолияти Хадамоти иҷозатномадиҳӣ
## дар нуҳ моҳи соли 2019

Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ, мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ буда, тибқи талаботи Низомномааш, баҳри дар амал татбиқ намудани раванди иҷозатномадиҳӣ, иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои ҳайати мушовара корҳои муайянеро ба анҷом расонидааст.

Қайд менамоем, ки дар нуҳ моҳи соли 2019 ба Хадамот аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои гирифтани иҷозатнома 376 муроҷиат ворид гардида, 347 адади он аз ҷониби мутахассисони масъули Хадамот дар маҳал таҳлил ва хулосаи онҳо барои баррасӣ ба Комиссияи иҷозатномадиҳӣ пешниҳод гашта, аз ин танҳо 217 довталаб, соҳиби иҷозатнома гаштааст.

Ҳуҷҷатҳои 130-довталаб бинобар сабаби ба талабот ҷавобгӯ набуданашон расман рад карда шуда, ҳуҷҷатҳои 29 довталаби дигар, тибқи тартибот мавриди омӯзиши мутахассисон қарор доранд.

Вазъи иҷозатномадиҳӣ ба шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқии фаъолияти шаҳрсозидошта, дар нуҳ моҳи соли 2019 чунин аст:

| **№/№** | **Шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо** | **Шумораи иҷозатнома (адад)** |
|---|---|---|
| 1 | ш. Душанбе | 80 |
| 2 | вилояти Суғд | 41 |
| 3 | вилояти Хатлон | 38 |
| 4 | Н.Т.М. | 42 |
| 5 | ВМКБ | 16 |
| | **Ҷамъ** | 217 |

Ҳамзамон дар ин давра, ба Хадамот аз ҷониби 157 шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои дароз намудани мӯҳлати амали иҷозатнома муроҷиат ворид гашта, 151 адади он аз ҷониби мутахассисони шуъбаи омӯзиши Хадамот пурра таҳлил ва танҳо мӯҳлати амали иҷозатномаи 103 ташкилот тамдид гардида, ҳуҷҷатҳои 48 ташкилоти дигар бинобар сабаби ба талабот ҷавобгӯ набудан **расман рад карда шудааст**. Айни замон ҳуҷҷатҳои 6 ташкилот тибқи талаботи муқарраргардида, мавриди таҳлили мутахассисони масъул қарор дорад.

Дар нуҳ моҳи соли 2019 вазъи тамдид намудани мӯҳлати амали иҷозатномаҳои шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқии фаъолияти шаҳрсозидошта дар ҷумҳурӣ, чунин аст:

| №/№ | Шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо | Шумораи иҷозатномаҳо (адад) |
|---|---|---|
| 1 | ш. Душанбе | 34 |
| 2 | вилояти Суғд | 30 |
| 3 | вилояти Хатлон | 19 |
| 4 | Н.Т.М. | 15 |
| 5 | ВМКБ | 5 |
| | **Ҷамъ** | 103 |

Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби 112 ташкилот барои аз як сатҳ ба сатҳи дигар гузаронидани иҷозатномаҳояшон муроҷиат намудаанд, ки аз ин танҳо 76 адад муроҷиат дар ҷаласаи Комиссияи иҷозатномадиҳӣ баррасӣ гардида, қобили қабул ҳисобида шудааст. Ҳуҷҷатҳои 30 ташкилот бинобар сабаби ба талабот ҷавобгӯ набуданаш **расман рад карда шуда**, муроҷиати 6 ташкилоти дигар, аз ҷониби мутахассисон мавриди таҳлил қарор дорад.

Дар нуҳ моҳи соли 2019 аз ҳисоби маблағҳои ҳаққи иҷозатнома ва дигар маблағҳои ҳатмӣ ба буҷаи ҷумҳуриявӣ 362 900 сомонӣ ворид карда шудааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 6-и Қарори ҳайати мушовараи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №134/2019, аз 12- июли соли 2019, Хадамоти иҷозатномадиҳӣ фаъолияти худро дар ташкили назорати риояи шарту талаботи иҷозатномагирӣ беҳтар намуда, нисбати сари вақт тамдид кардани иҷозатномаҳои мухлаташон гузашта, чораҳои заруриро андешида истодааст. Чунончӣ, дар давраи ҳисоботӣ 103 ташкилот муҳлати амали иҷозатномаи худро тамдид намуда, муроҷиати 6 ташкилот мавриди баррасӣ қарор дошта, 210 **адад** ташкилоти дигар муҳлаташонро тамдид накардаанд, ки тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатномаҳои ташкилотҳои тамдид накарда беэътибор аст. Дар рафти таҳлилҳо муайян карда шуд, ки фаъолияти 12 **ташкилот** ба пуррагӣ қатъ гардида, тибқи талаботи қонунгузорӣ бо фармоиши Сардори Хадамот бекор карда шуда, амали иҷозатномаи ин ташкилотҳо беэътибор ҳисобида шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки нисбати масъалаи мазкур маълумотнома ба сайти Кумита, рӯзномаи “Бинокорон” ворид карда шуда, рӯйхати ин ташкилотҳоро ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешниҳод намуда истодаем.

Инчунин, дар асоси сархати 2-и банди 6-и Қарори ҳайати мушовара, Хадамот нисбати ташкилотҳои лоиҳакашие, ки лоиҳаҳои онҳо ба талабот ҷавобгӯй набуда, беасос арзиши корҳоро ҳангоми таҳияи харҷномаҳо зиёд намудаанд, андешидани чораҳои заруриро ҳангоми аз ҷониби Раёсати экспертизаи давлатӣ пешниҳод гаштан, дар назар дорад.

Новобаста аз ин, ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур Хадамот дар ҳамоҳангӣ бо Раёсати экспертизаи Кумита, пайваста ҳамкориҳо намуда истодааст.

Бобати иҷрои сархати 3-и банди 6-и қарори мазкур маълум менамоем, ки дар Хадамот таҳлилу омӯзиши фаъолияти ташкилотҳои иҷозатномадор ба роҳ монда шуда, базаи ягонаи ҳисоби ҳаҷми корҳои иҷрогардида таъсис дода шудааст. Бояд гуфт, ки бо мақсади таҳлили дақиқи фаъолияти ташкилотҳо ва пайдо намудани маълумот нисбати фаъолият доштан ё надоштани онҳо, мутахассисони ҳама бахшу шуъбаҳои Хадамот ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарбар гардида, бо шуъбаҳои омор, нозиротҳои андоз ва мақомотҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳо ҳамкорӣ намуда, маълумотҳои дақиқро дастрас намуда истодаанд.

Айни замон нисбати масъалаи мазкур мутахассисони масъули шуъбаҳои омӯзиш, назорат ва шуъбаи қабул ва баҳисобгирии Хадамот вобаста буда, корҳои таҳлилиро дар ин самт аз моҳи апрели соли равон оғоз намуда, то ба имрӯз аллакай 2400 адад ташкилот огоҳ карда шуда, нисбати фаъолияти 1361 ташкилот маълумот дастрас карда шудааст. Баъд аз таҳлили дақиқи масъалаи болозикр то охири моҳи ноябри соли равон, ба Кумита иловатан маълумоти ҷамъбастии пурра пешниҳод мегардад.

Инчунин, ҷиҳати иҷрои супоришҳои протоколии Раиси Кумита, Хадамот охири ҳар ҳафта, аз натиҷаи иҷрои супоришҳои додашудаистода, ба унвонии Кумита, мунтазам ахборот пешниҳод намуда истодааст. Дар ин асос, бо мақсади пурра муайян намудани сатҳи масъулиятнокии ташкилотҳои иҷозатномадор, то ба имрӯз аз шумораи (2400 **адад**) умумии иҷозатномадорон пурра сатҳи масъулиятнокиашон муайян карда шуда, бо иҷозатномаи нав таъмин гаштанд. Иҷозатномаҳои тибқи тартиби пештара додашуда бошад, муҳлати эътиборашон пурра ба охир расида, минбаъд дар ҷумҳурӣ ташкилоти бо чунин иҷозатнома (тартиби пештарадошта) ҳуқуқи фаъолият карданро надорад.

Мавриди зикр аст, ки то қабул гардидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №235 аз 31 марти соли 2014, оид ба тартиби нави иҷозатномадиҳӣ вобаста ба сатҳи масъулиятнокӣ, шумораи ташкилотҳои барои сохтмони биноҳои баландошёна (зиёда аз 12 метр) иҷозатномадошта 1203 ададро (**мутобиқ ба дараҷаи** I) ташкил медод. Барои муайян намудани сатҳи масъулиятнокии ташкилотҳои сохтмонӣ ва лоиҳакашӣ, дар Хадамот мунтазам ҷаласаи Комиссияи иҷозатномадиҳӣ гузаронида, сатҳи масъулиятнокии ташкилотҳо пурра муайян карда шудааст. Аз шумораи умумӣ, танҳо иҷозатномаи 84 **ташкилоти сохтмонӣ** ба сатҳи масъулиятнокии дараҷаи I, иҷозатномаи 506 ташкилот ба сатҳи масъулиятнокии дараҷаи II ва иҷозатномаи 1486 ташкилоти дигар бошад, ба сатҳи масъулиятнокии дараҷаи III муайян карда шудааст, ки ин дар муқоиса ба шумораи иҷозатномадорони тартиби пештарадошта (зиёда аз 12 метр) 1119 адад кам гаштааст.

Бояд тазаккур дод, ки айни замон дар қаламрави ҷумҳурӣ шумораи умумии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии иҷозатномадор 2400 адад буда, аз ин миқдор 149 адад фармоишгарон (13 адад хориҷӣ), 175 адад ташкилотҳои

лоиҳакашӣ (8 адад хориҷӣ) ва 2076 адади онҳо ташкилотҳои сохтмониро (60 адад хориҷӣ) дар бар мегирад. (Ҷамъи **ташкилотҳои хориҷӣ** 81 адад, **соҳибкорони инфиродӣ** 17 адад).

Тибқи дастуру супоришҳои Раиси Кумита шарту талаботҳои иҷозатномадиҳӣ, махсусан барои ташкилотҳои лоиҳакашӣ пурзӯр гардида, пас аз таҳлилу санҷиш қарор гирифтан аз ҷониби Комиссияи иҷозатномадиҳӣ, ба ташкилотҳо иҷозатнома дода шуда истодааст. Аз ин ҷост, ки дар нуҳ моҳи соли 2019 ҳамагӣ ба 9 ташкилот иҷозатнома барои фаъолияти лоиҳакашӣ, аз ҷумла ба 8 (ҳашт) ташкилот сатҳи масъулиятнокии дараҷаи III ва ба 1 (як) ташкилот сатҳи масъулиятнокии дараҷаи I, бо муайян намудани самти фаъолияташон дода шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки тибқи нишондодҳои таҳлилии гузаронидашуда, шумораи ташкилотҳои лоиҳакашии иҷозатномадор дар ҷумҳурӣ бо муқоиса ба соли 2018, ҳамагӣ як адад кам шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ, аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ барои чораҷуӣ намудан 13 мактуб нисбати иншоотҳое, ки сохтмонашон бе қарори раисони шаҳру ноҳияҳо, бе лоиҳаи корӣ, бе хулосаи мусбии экспертизаи давлатии лоиҳа ва бе иҷозати сармеъморон оғоз гардидаанд ворид гардидааст. Дар асоси мурожиатҳои воридшуда иншоотҳо дар маҳал таҳлил карда шуда, нисбати 6 адад фармоишгароне, ки ба қонунвайронкуниҳо роҳ додаанд (шахсони воқеӣ– Абдураҳимов З., Юсупова Ф.А., Давлатшоҳи Ш.М., Одинаев С., Холматов Ш. ва шахси мансабдор- Салимов Б.Н.) парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, барои чораҷуӣ ва қабули қарори ниҳоӣ тибқи тобеъият ба суд ирсол карда шуд. Дар асоси қарорҳои қабулнамудаи суд, ҷаримаҳои таъиншуда ба буҷаи ҷумҳурӣ пардохт карда шудааст.

Инчунин, дар асоси мактуби Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе (аз 4.02.2019, №2/7-366) амали иҷозатномаи ҶДММ «Ёқут-2000», ки ба қонуншиканиҳо роҳ додааст, то ислоҳи камбудиҳо боздошт гардида буд. Дар ин давра аз ҷониби ҶДММ «Ёқут-2000» камбудиҳои ҷойдошта бартараф гардида, аз натиҷаи он ба Хадамот расман маълумотнома пешниҳод намуда, иҷозатномаи ҷамъият баргардонида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар асоси гузориши Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ ба унвонии Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нисбати сохтмони иншоотҳои бахшида ба ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аз ҷониби мутахассисони Хадамот иншоотҳои бунёдшудаистода дар маҳал таҳлил гардида як қатор камбудиҳо ошкор карда шудаанд. Чунончӣ, дар ин иншоотҳо аз ҷониби фармоишгарон бе иҷозатномаи фармоишгарӣ, бе лоиҳаи корӣ ва бе хулосаи экспертизаи давлатӣ корҳои сохтмонӣ оғоз гардида, ба қонуншиканӣ роҳ дода шудааст.

Дар ин асос, ба фармоишгарони иншоотҳо дастур (огоҳинома) оиди бартараф намудани камбудиҳо дода шуда, тибқи Протоколи ҷаласаи кории назди Сардори Хадамот аз 8 июли соли 2019, то бартараф намудани қонунвайронкуниҳо, амали иҷозатномаи ҶДММ «Систем Реклама»-и шаҳри

Душанбе, ҶДММ «Заррин-21»-и шаҳри Ҳисор ва ҶДММ«Бунёдкор-Р»-и шаҳри Турсунзода ба муҳлати 3 моҳ боздошт карда шудааст.

Инчунин дар асоси супориши протоколии машварати кории назди Раиси Кумита, дар фаъолияти ташкилотҳои лоиҳакашии Ҷумҳурӣ аз ҷониби Хадамот маниторинг оид ба мавҷудияти ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳа (меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ва ҳуҷҷатҳои нархгузорӣ) дар корхонаву ташкилотҳои лоиҳакашӣ гузаронида шуда истодааст. Ташкилотҳои лоиҳакашии сатҳи масъулиятнокии дараҷаи I ва II (68 адад), оиди пешниҳод намудани руйхати меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ огоҳонида шуда, аз тарафи ташкилотҳои лоиҳакаш, то ин ҷониб 63 адад ташкилот ҳуҷҷатҳои худро пешниҳод намудаанд ва ҳуҷҷатҳои дастрасшуда барои муқоиса ва таҳлил ба КВД «Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотию сохтмон ва меъморӣ» расман ирсол карда шудаанд. Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи КВД «ПИТ Сохтмон ва меъморӣ», оиди бо меъёру қоидаҳои шаҳрсозии амалкунанда таъмин будани ташкилотҳои лоиҳакашии сатҳи масъулиятнокии дараҷаҳои I ва II ташкилотҳое, ки фоизнокии таъмин будани онҳо бо меъёру қоидаҳои сохтмонӣ паст мебошанд, аз нав барои иловатан харидорӣ намудани санаду меъёрҳо даъват карда шуда, нисбаташон оиди дастрас намудани МҚШ-ҳо санад тартиб дода шуда истодааст. Дар ин давра аз ҷониби 72 адад ташкилотҳои лоиҳакашӣ ба маблағи 66 660 сомонӣ санаду меъёрҳои сохтмонӣ ва аз ҷониби 294 адад ташкилотҳои пудратӣ низ ба маблағи 77 422 сомонӣ дафтарҳо барои пеш бурдани корҳои сохтмонӣ ва санаду меъёрҳо харидорӣ карда шудааст.

Ҳамчунин мутобиқи талаботи бандҳои дахлдори протоколи машварати кории назди Раиси Кумита, бобати гузаронидани санҷиш дар фаъолияти ташкилотҳои лоиҳакашии иҷозатномадори дараҷаҳои I ва II (68 адад), санҷиши мавҷуд будани барномаҳои комплекси ҳисоби конструксияҳо гузаронида шуда, муайян карда шуд, ки 26 адад ташкилотҳо дорои барномаи ЛИРА-САПР буда, 10 адад корҳонаҳои фаръии КВД «Лоиҳакаш» аз барномаи ҳисоби конструксияҳои худи КВД «Лоиҳакаш» истифода мебаранд.

Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ, ҷиҳати омӯзиши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар (аз 26 декабри соли 2018) Нақша чорабиниҳои дохилиидоравии худро санаи 9 январи соли 2019, таҳти №2/ф таҳия намуда, дар ҳамбастагӣ бо ҳамаи кормандони Хадамот роҳандозӣ намудааст.

Вобаста ба ин, моҳҳои январ- сентябри соли равон дар Хадамот бо иштироки кормандон тибқи Нақша чорабиниҳои тасдиқшуда, 11 (**ёздаҳ**) ҷаласаи корӣ гузаронида шуда, омӯзиши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон масъалаҳое, ки дар Паёми имсолаи Сарвари давлат дарҷ гардидаанд, тибқи нақша чорабиниҳои тасдиқшуда аз ҷониби аҳли кормандон ба таври доимӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар амал татбиқ гардида истодааст.

Дар байни кормандони шӯъбаҳо ба роҳ мондани корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ вобаста ба шарҳи муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамаҷониба дастгирӣ намудани соҳибкорон ҷиҳати татбиқи

афзалиятҳои миллӣ барои беҳбудӣ бахшидан ба фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ, инчунин ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои маъмуриву сунъӣ, бахусус дар самти иҷозатномадиҳӣ, таҳким ва густариши забони давлатӣ дар коргузорӣ, пурзӯр намудани назорати иҷро ва баланд бардоштани сифати кор оид ба муроҷиатҳои шаҳрвандон, аз ҷумлаи чорабиниҳои анҷомдодашуда дар нуҳ моҳи соли 2019 мебошад.

Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозии Кумита, дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» аз 30 августи соли 2013, №1504 Нақша-чорабинии дохилиидоравии худро «Дар бораи муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2019-2020» таҳия намуда, бо фармоиши Сардори Хадамот аз 10 январи соли 2019 таҳти №03/Ф тасдиқ карда шудааст. Дар ин муддат, Хадамот бобати иҷрои бандҳои Нақша-чорабиниҳои дохилиидоравӣ бо иштироки аҳли кормандон 12 (**дувоздаҳ** ) ҷаласаи васеи кориро гузаронид.

Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва дарки коррупсия ба кормандони Хадамот дар мавзӯи коррупсия ва дигар рафторҳои дорои характери коррупсионӣ аз ҷониби Сардори Хадамот ва ҳуқуқшиноси Хадамот, ҳар моҳ машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор карда мешавад. Инчунин, дар ҷаласаҳои ҳафтаинаи назди Сардори Хадамот доир ба пешгирии қонуншиканиҳо ва риояи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкидҳои пай дар пай карда шуда, протоколҳои зикргардида барои иҷроиш ба аҳли кормандон бо гирифтани имзоҳояшон дастрас карда мешавад.

Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Хадамот, кори худро мутобиқ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон "ба роҳ монда, дар нуҳ моҳи соли 2019 тибқи нақша чорабиниҳои дохилиидоравӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", назорати доимии иҷрои муқаррароти Қонуни мазкур, фаҳмонидани моҳияти дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, расонидани кӯмак ба оилаҳои камбизоат, ятимон, маъюбон, бепарасторон ва собиқадорони меҳнат, дар Хадамот Комиссияи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо таъсис дода шуда, аз ҷониби Комиссияи мазкур бо кормандони дастгоҳи марказӣ ва минтақавӣ баҳри риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон",
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияи динӣ" пайваста корҳои таблиғотӣ гузаронида, дар баргузории ҷашну маросимҳо дар колективи кормандони Хадамот бо мақсади тарғиби тарзи дурусти татбиқи қонунҳои мазкур, назорати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2014 №АП-429 вобаста ба пешгирии зиёфатҳо, чорабиниҳои дилхушӣ ва истифодаи машрубот дар бинои маъмурии корхона ва риояи ҳатмии талаботҳои

қонунҳои мазкурро вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як корманди Хадамот шуморида, оиди дар сатҳи оилавӣ ҷашн гирифтани зодрӯзҳо, риояи ҳатмии шумораи даъватшавандагон ба тӯйҳои хатнасур ва арӯсиву домодӣ бо аҳли кормандон 8 (**ҳашт**) ҷаласаи корӣ гузаронида, расман протокол тартиб дода шудааст.

Вобаста ба иҷрои Нақша-чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармоиши Сардори Хадамот аз 16 январи соли 2019 таҳти №5/ф тасдиқ шудааст, аз ҷониби комиссия оид ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати зарурияти дар амал татбиқ намудани қонуни мазкур, ба роҳ мондани коргузорӣ ва мукотибот бо дигар ташкилоту муассисаҳо бо забони давлатӣ, бо аҳли кормандон дар ин давра 7 (**ҳафт**) ҷаласаи корӣ гузаронида шудааст.

Инчунин, бахшида ба "Таҷлили Иди байналмиллалии Наврӯз-2019", омодагӣ ва таҷлили Қаътномаи даҳсолаи байналмиллалии амал "Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028" дар Хадамот Нақша-чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ гардида, бобати иҷрои бандҳои онҳо бо аҳли кормандон аллакай 7 **(ҳафт)** ҷаласаи корӣ гузаронида шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар қатори корҳои бaанҷомрасида бобати беҳтар намудани фаъолияти Хадамот камбудиҳое, низ вуҷуд доранд, ки боиси нигаронӣ буда, дар соли 2019 масъалаи ислоҳ ва аз байн бурдани он низ, бо дастгирии бевоситаи Кумита дар назар аст.

Ин камбудиҳо ба монанди мавҷуд будани ихтилофотҳо дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ, сари вақт натавонистани пешгирии қонуншиканиҳо аз ҷониби ташкилоту корхонаҳои иҷозатномадор ва дар маҳал санҷидани ҳолати воқеъии базаҳои моддӣ-техникии довталабон маҳсуб меёбанд.

Ҳамчунин, тибқи талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №95 аз 1 марти соли 2019 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», банди 26-и Нақшаи кории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 ва банди 6-и Қарори ҳайати мушовараи Кумита таҳти №132 аз 12 апрели соли 2019, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи иҷозатномадиҳӣ пешбинӣ шудааст.

Дар ин асос, бо мақсади аз байн бурдани камбудиҳои ҷойдошта, мутобиқ намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи иҷозатномадиҳӣ, таъмини иҷрои бандҳои дахлдори Қарори ҳайати мушовара ва Нақшаи кории Кумита барои соли 2019, дастгирии ташкилотҳои сохтмонию лоиҳакашии ватанӣ ва аз байн бурдани мушкилоту ихтилофотҳои мавҷуда, бобати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа дар ҳамкорӣ бо ҳуқуқшиноси дастгоҳи марказии Кумита, Лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007, №172"-ро таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа намуда, аз ҷониби Кумита барои баррасии ниҳоӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд. Лоиҳаи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №401

аз 9 августи соли 2019 тасдиқ гардида, ба Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият тағйирот ворид ва мавриди амал қарор дода шудааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2019 ба Хадамот 326 адад супоришҳои расмӣ, мурохиатҳо аз ҷониби Кумита, шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ворид гардида, ҳамаи он дар муҳлатҳои муқарраршуда баррасӣ шудаанд.

Хадамоти иҷозатномадиҳӣ баҳри дастгирии сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои Фармоишҳои Раиси Кумита ва бо мақсади дар оянда беҳтар намудани фаъолияти худ, рушди соҳибкорӣ, раванди иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи сохтмон ва меъморӣ, баланд бардоштани сифати иҷрои корҳои сохтмонӣ ва сатҳи масъулиятнокии шахсони воқеиву ҳуқуқӣ, ки корҳои лоиҳакашию сохтмониро иҷро менамоянд, чораҳои дахлдорро андешида, фаъолияти худро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санаду меъёрҳои марбут ба иҷозатномадиҳӣ ба роҳ монда, сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгириву ҳимоя ва дар амал татбиқ менамояд.

**Сардор** **Н.Файзуллозода**